# Хулосаи

## Комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-024 ба диссертатсияи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ дар мавзӯи «Таъсири шароити иқлимӣ ва меъёри гуногуни нурии фосфорӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биокимиёии соя дар минтақаи шимолии Афғонистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо

Комиссияии ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои биология, узви вобастаи АИ ҶТ профессор Алиев К.А., ва аъзоёни комиссия – доктори илмҳои биология, профессор Ғиёсов Т.Ҷ., номзади илмҳои биология, дотсент Раҳимов М., ки бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-024 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ дар мавзӯи “Таъсири шароити иқлимӣ ва меъёри гуногуни нурии фосфорӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биокимиёии соя дар минтақаи шимолии Афғонистон ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

Мавзӯи рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ актуалӣ буда, дар он яке аз масоили муҳими физиологияи растаниҳо – таъсири ғизои маъдании фосфорӣ ба зироати соя ва сифату ҳосили он дар шароити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон қадами тозаи илмӣ аст. Натиҷаҳои дар рисола рӯйи коромада, метавонад мавриди истифодаи васеи илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Исломии Афғонистон қарор гиранд. Унвонҷӯ пешниҳод намудааст, ки ҳангоми истифодаи меъёри гуногуни нурии фосфорӣ фаъолияти физиологии навъҳои соя ва маҳсулнокии он баланд мешавад.

Кори илмӣ аз муқаддима, 3 фасл, хулоса, натиҷаҳои муҳими рисола, рӯйхати адабиётҳо ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 121 саҳифаи чопи компютерӣ мураттаб шудааст ва аз 29 ҷадвал, 31 расм иборат мебошад. Теъдоди адабиётҳои истифодашуда 129 номгӯйро ташкил медиҳанд, ки аз ин миқдор 39 номгӯй адабиёти хориҷӣ мебошад.

Дар рисола маълумотҳо оид ба таъсири нурии фосфорӣ ба фаолияти физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя оварда шудааст.

**Мақсади кори илмӣ** барои ҳалли яке аз мушкилоти асосии агротехникаи парвариши зироати соя-таъсири меъёри гуногуни нуриҳои фосфорӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биокимиёии соя дар минтақаи Шимолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон нигаронида шудааст. Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои омӯзишро чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- муайян намудани раванди физиологӣ ва таркиби биохимиявии растании соя ҳангоми истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои фосфордор;
- азхудкунии нақши физиологӣ ва таркиби биохимиявии растании соя дар истеҳсоли маҳсулоти растании соя;
- омӯзиши таъсири нурии фосфордор ба гузариши равандҳои физиологӣ ва таркиби биохимиявии растании соя;
- дарёфти меъёри муносиби нуриҳои маъдании фосфордор барои истифода дар киштзори соя;
- шиносоӣ ва дарёфти мӯҳлати муносиби истифодаи нуриҳои маъдании фосфордор дар киштзори растании соя;
- азхудкунии таъсири миқдори мухталифи унсури фосфор ба равандҳои физиологӣ ва беҳтаршавии таркиби биохимиявии растании соя.

**Навгонии илмии рисола аз он иборат аст, ки** таҳқиқотҳои унвонҷӯй оид ба омӯзишу парвариши ин зироат дар раванди истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон то ҳадди имкон нав мебошад. Аз тарафи дигар, бо мурури пайдо шудани шароити нави парвариш дар минтақаи Шимолии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба дасти истеҳсолот додани навъҳои наву устувори ин зироат самаранокии кишоварзиро баланд мебардорад.

Ҳамчунин бояд зикр намоем, ки то имрӯз дар шароити агроиқлимии

минтақаи Шимолии ҶИА рӯйи зироати соя ва таъсири нуриҳои фосфордор ба маҳсулнокӣ ва инкишофу сабзиши он аз тарафи олимони дигар мавриди омӯзиш қарор нагирифта, натиҷаи таҳқиқотҳои саҳроии амалию назариявии унвонҷӯ навигарии тозаест дар илм ва истеҳсолоти ин минтақа.

**Аҳамияти амали кор дар** он аст, ки натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад дар пешгӯйии маҳсулнокии растании соя дар шароитҳои тағйирёбии иқлим ва роҳҳои идоракунии он бо мақсади ба даст овардани ҳосили баланди дони соя дар минтақаҳои гуногуни иқлимӣ истифода шавад.

**Саҳҳеҳияти корро** натиҷаҳои бо истифодаи усулҳо ва технологияи муосир бадастовардашуда тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй**: муаллиф дар рафти гузаронидани таҷрибаҳо шахсан ширкат карда, фаъолнокии физиологии навъҳои сояро дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ бо истифодаи меъёрҳои гуногуни нурии фосфорӣ дар минтақаҳои Балх, Бағлон ва Самангони ҶИА ба анҷом расонидааст. Муаллифи рисола дар асоси маълумотҳои бадастоварда, хулоса намудааст, ки навъҳои истифодашудаи соя дар минтақаҳои шимолӣ Афғонистон дар вариантҳои муайяни истифодаи нурии фосфорӣ маҳсулоти баланди биологӣ ҳосил намуда, миқдори сафеда ва равғани дон зиёд мешавад. Натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои илмӣ ва навиштани рисола аз ҷониби унвонҷӯй таҳти назорати роҳбари илмӣ иҷро карда шудаанд.

**Арзиши илмии кори** унвонҷӯй дар асоси ширкати ӯ дар як қатор анҷуманҳо, конфронсҳо ва семинарҳои илмии тахассусии дараҷаҳои гуногун собит мегардад.

**Интишори натиҷаҳои тадқиқот** дар шакли 7 мақолаҳои илмӣ амалӣ шудааст, ки онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ дарҷ гардидаанд.

Рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ мебошад.

Таҳлили масоили ба омӯзиши равандҳои физиологию биохимиявӣ алоқаманд, имконият медиҳад, ки рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ дар мавзӯи “Таъсири шароити иқлимӣ ва меъёри гуногуни нурии

фосфорӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биокимиёии соя дар минтақаи шимолии Афғонистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо тавсия карда шавад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ **Комиссия тавсия мекунад:**

1. Рисолаи номзадии Мирабдулқаюм Ансорӣ дар мавзӯи "Таъсири шароити иқлимӣ ва меъёри гуногуни нурии фосфорӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биокимиёии соя дар минтақаи шимолии Афғонистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо дар Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-024 қабул карда шавад.
2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:
1. Ба сифати муққаризони расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои ДАТ Норов Мастибек Самадович, директори Пажуҳишгоҳи ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АИҶТ, номзади илмҳои биология Бобозода Бақохуҷа Ғиёсиддин таъин карда шаванд.
2. Ба сифати муассисаи муқарриз Маркази ҷумҳуриявии захираҳои генетикии растаниҳои кишоварзии назди Академияи илмҳои кишоварзии ҶТ интихоб карда шавад.

Раиси комиссияи ташхисӣ,
д.и.б.,профессор Алиев Қ.А.
Аъзоёни комиссия:
д.и.б., профессор Ғиёсов Т.Ҷ.

н.и.б., дотсент Раҳимов М.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадр
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.